Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич ба диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Набизода Маҳфуза Раҳмат ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад. 1. “Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ, таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ”; 3. “Қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир”; 5. “Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ”; 6. “Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, миқёси фаъолият: намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолот, тиҷорат, молиявӣ ва ғайра)”; 16. “Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ”.

Мавзуи диссертатсия аз рӯйи мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва муҳтавои таҳқиқот ба самти илмии зикршуда комилан мутобиқ буда, ба ҳалли масъалаҳои мубрами назариявӣ, методологӣ ва амалии ҳолати муосири фаъолияти соҳибкории занон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд нигаронида шудааст. Дар ин замина, дар диссертатсия масъалаҳои назариявии соҳибкории занон, мафҳуми иқтисодӣ он муайян карда шуда ва дар ин замина нақши соҳибкории занон ҳамчун самти афзалиятноки таъмини шуғли занон ва баланд бардоштани иштироки иқтисодии онҳо дар рушди минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки боиси тавақҷуҳ мебошад.

Дар маҷмуъ лозим ба қайд аст, ки масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида пурра ба бандҳои дар боло овардашуда Шиносномаи феҳрести ихтисосҳои КОА-ро дарбар мегирад.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ масъалаи таъмини шуғли занон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Маҳдуд будани имкониятҳои ҷойи кор дар баъзе минтақаҳо, сатҳи гуногуни тахассус, масъулиятҳои оилавӣ ва дигар омилҳои иҷтимоӣ метавонанд иштироки занонро дар бозори меҳнат маҳдуд намоянд. Дар чунин шароит рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими таъмини шуғли занон баромад намуда, имконият медиҳад, ки онҳо бо ташкили фаъолияти мустақили иқтисодӣ манбаи даромади худро ба вуҷуд оваранд ва ҳамзамон барои дигарон низ ҷойҳои корӣ ташкил намоянд.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ баланд бардоштани мавқеъи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Фаъолияти соҳибкории занон имконият медиҳад, ки дар равандҳои иқтисодӣ фаъолона иштирок намуда, мустақилияти иқтисодии худро таҳким бахшанд. Ҳамзамон, иштироки занон дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба рушди малакаҳои роҳбарӣ, қабули қарорҳои мустақилона ва баланд гардидани мавқеи онҳо дар оила ва ҷомеа мусоидат намояд.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳ ба рушди фаъолияти соҳибкории занони кишвар, дар ин самт як қатор муаммоҳо ҷойд доранд. Аз ҷумла, маҳдуд будани имконияти дастрасӣ ба сармояи ибтидоӣ, мушкилоти гирифтани қарз, нокифоя будани донишҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва идоракунӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба бозор ва технологияҳои муосир метавонанд ба рушди устувори фаъолияти соҳибкории занон таъсир расонанд. Вобаста ба ин, масъулиятҳои оилавӣ ва нобаробарии имкониятҳои иқтисодӣ дар баъзе ҳолатҳо иштироки пурраи занонро дар фаъолияти соҳибкорӣ душвор мегардонанд. Аз ин рӯ, бартараф намудани чунин монеаҳо яке аз шартҳои муҳими рушди соҳибкории занон ба ҳисоб меравад.

Боиси қайд аст, ки аз тарафи ҳукумати кишвар барои дастгирии рушди фаъолияти соҳибкории занон заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шудааст. Қонунгузории кишвар ҳуқуқи шаҳрвандонро ба фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намуда, шаклҳои гуногуни дастгирии давлатии соҳибкориро пешбинӣ мекунад. Дар ин замина як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки ба таҳкими мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии занон мусоидат менамоянд, аз ҷумла; “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, “Стратегияи миллии

фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030", "Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2025-2030».

Ҳамзамон, зарурати ҷории усулҳои муосири арзёбии хавфҳо, ба монанди рақамикунонӣ ва автоматикунонии раванди пешниҳоди қарз, тақозо мекунад, ки муносибатҳои қарздиҳии бонкҳо ба талаботи бозори муосир мутобиқ карда шаванд. Яъне аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ пешниҳоди имтиёзҳо барои гирифтани қарз ба занҳо ҷиҳати ташкили тиҷорати шахсӣ. Дар ин ҷо унсури муҳим ин пешниҳоди қарзҳо бо фоизи нисбатан камтар аст. Аз ин рӯ диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат ба таҳқиқи таъмини ҳолат ва рушди устувори соҳибкории занон дар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Суғд, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғли занон ниҳоят муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола ба дастомада нуқтаи илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд. Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертатсия муваффақиятҳои илмии диссертант ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифро дарбар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар ғани гардонидани ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии тамоюлҳои рушди шуғли занон ва соҳаи соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян кардани омилҳои рушди соҳибкории занон дар сатҳи минтақа, такмили механизмҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ифода меёбад ва ин ҷанбаҳоро ҳамчун муваффақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Бинобар он, самти навгониҳои илмии диссертатсия таҳқиқи моҳияти назариявӣ оид ба масъулият ва таваккали иқтисодии занон дар раванди ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, вазъи муосир, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон ва такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби диссертант коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи асосӣ ба ҳисоб рафта ва ба ҳайси навгонии илмӣ баромад менамояд:

- муаллиф дар диссертатсия ба моҳияти иқтисодии соҳибкории занон, фаъолияти соҳибкорӣ ва шуғли занон бо истифода аз ақидаҳои олимони иқтисодчиёни ғарб ва ватанӣ истифода намуда, барои инкишофи муқарароти назариявии механизми танзими давлатии соҳибкории занон дар шароити муосир, инчунин самтҳои такмил ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории

занон дар вилояти Суғдро муайян намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф тавонистааст, ки андешаҳои худро оид ба фаъолияти соҳибкории занон таҳия намояд.

- дар диссертатсия заминаҳои назариявии мафҳумҳои "шуғли занон" ва "соҳибкорӣ", ташаккули муҳити институтсионалӣ барои рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории занон, ҷалби занҳо ба муҳити соҳибкорӣ ва хусусиятҳои институтсионалии танзими соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти бозори мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин асоснок гардидааст, вазъи ташаккул ва рушди соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти муосир ва баланд бардоштани иштироки иқтисодии онҳо дар рушди минтақа ба инобат гирифта шавад.

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф тавонистааст дар асоси таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ вазъи муосир, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғдро бо далелҳои дақиқ, таҳлил ва муайян намудааст. Илова ба ин аз ҷиҳати илмӣ арзёбии рушди соҳибкории занон ба баланд шудани сатҳи шуғли занон ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ, дар асоси таҳлили омилӣ таъсири хусусиятҳои демографии минтақа, муҳоҷирати меҳатии мардон, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ба фаъолнокии соҳибкории занон тавсия гардидааст.

- муаллиф маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғдро асоснок намуда, дар ин замина тавсияҳои илмӣ амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон пешниҳод шудаанд, ки ба густариши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир равона карда шудаанд.

4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти илмӣ диссертатсияи диссертант Набизода Маҳфуза Раҳмат ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин самт вазифаҳо ва натиҷаҳои мувофиқ барои такмили механизми заминаҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон, сатҳи шуғли занон, хусусиятҳо, тамоюлҳо, қонуниятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкории занон, соҳибкорзанон ба рушди ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳлил ва арзёби қарор гирифта, ҳамчун натиҷаи такмили механизмҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва омилҳои рушди соҳибкории занон дар сатҳи минтақа муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина имкониятҳои нави илмӣ ва амалии

занон дар вилояти Суғдро муайян намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф тавонистааст, ки андешаҳои худро оид ба фаъолияти соҳибкории занон таҳия намояд.

- дар диссертатсия заминаҳои назариявии мафҳумҳои “шуғли занон” ва “соҳибкорӣ”, ташаккули муҳити институтсионалӣ барои рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории занон, ҷалби занҳо ба муҳити соҳибкорӣ ва хусусиятҳои институтсионалии танзими соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти бозори мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин асоснок гардидааст, вазъи ташаккул ва рушди соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти муосир ва баланд бардоштани иштироки иқтисодии онҳо дар рушди минтақа ба инобат гирифта шавад.

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф тавонистааст дар асоси таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ вазъи муосир, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғдро бо далелҳои дақиқ, таҳлил ва муайян намудааст. Илова ба ин аз ҷиҳати илмӣ арзёбии рушди соҳибкории занон ба баланд шудани сатҳи шуғли занон ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ, дар асоси таҳлили омилӣ таъсири хусусиятҳои демографии минтақа, муҳоҷирати меҳатии мардон, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ба фаъолнокии соҳибкории занон тавсия гардидааст.

- муаллиф маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғдро асоснок намуда, дар ин замина тавсияҳои илмӣ амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон пешниҳод шудаанд, ки ба густариши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир равона карда шудаанд.

4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти илмӣ диссертатсияи диссертант Набизода Маҳфуза Раҳмат ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин самт вазифаҳо ва натиҷаҳои мувофиқ барои такмили механизми заминаҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон, сатҳи шуғли занон, хусусиятҳо, тамоюлҳо, қонуниятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкории занон, соҳибкорзанон ба рушди ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳлил ва арзёби қарор гирифта, ҳамчун натиҷаи такмили механизмҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва омилҳои рушди соҳибкории занон дар сатҳи минтақа муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина имкониятҳои нави илмӣ ва амалии

мавҷуд буда, муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назарас ноил гардидааст. Вобаста ба он натиҷаҳои назариявии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки саҳми занон дар фаъолияти соҳибкории шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои рушди устувори иқтисодёти ва ичтимоиёти минтақа равона гардидааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти илмӣ аз он иборат аст, ки коркардҳои назариявӣ ва методии пешниҳоднамудаи муаллифро дар вазорату идораҳо, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ташкилотҳои молиявӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии рушд ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба баланд бардоштани мавқеи занон ва шуғли занон дар ҷомеа, фаъол гардонидани занон дар соҳаи соҳибкорӣ, инчунин мутобиқгардонии фаъолияти занон дар шароити муосир нигаронида шудаанд, метавонанд самаранок истифода баранд.

Аҳаммияти иқтисодӣ, ичтимоии диссертатсия дар истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар самти баланд бардоштани шуғли занон, фаъол гардонидани занон дар соҳаи соҳибкорӣ, инчунин мутобиқгардонии фаъолияти занон дар шароити муосир ва баланд бардоштани сатҳи даромаднокии аҳолии кишвар, аз ҷумла дар вилояти Суғд, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардидааст инъикос меёбад. Дар ин самт муаллиф таввасусти маълумотҳои оморӣ, бюллетени омории Бонки миллии Тоҷикистон, маводи таҳлили, ки дар нашрияҳои даврии байналмилалӣ нашр гардидаанд, эҳтимоли корбари намудааст, ки боиси таваҷҷуҳ мебошад.

Вобаста ба ин лозим ба қайд аст, ки диссертант тавонистааст дар боби якум, дуюм ва сеюми рисолаи илмии худ ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии асосии таҳқиқотро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки бандҳои зерини овардашудаи тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд. Чунки аҳаммияти амалии таҳқиқоти илмӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба ҷалби занону бонувон ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рушди иқтисодиёти муосири ватанӣ ва мушкилот дар соҳаи шуғли занон дар иқтисодиёти вилояти Суғд иборат мебошад.

5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллифи диссертатсия дар таҳия ва татбиқи таҳқиқоти гузаронидашуда ҷиҳати илман асоснок намудан як қатор талабот ва меъёрҳои муқараршударо риоя намудааст: чунончӣ, таҳия ва баррасии мавзуи диссертатсия, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуъ, мақсад ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурустии таҳқиқот, интишорҳо ва дигар тавсияҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин мавқеъи муаллифро дар таҳия, баррасӣ ва арзёбии мавзуи диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҷасум менамояд. Дар баробари ин муаллиф дар самти масъалагузории кори диссертатсионӣ

омилҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва роҳҳои идоракунии онро бо як қатор коркардҳои мушаххас истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

6. Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Зикр бояд намуд, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои асосии кори диссертатсионӣ вобаста ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосноккунии он, ки пурра фарогирӣ мавзуи таҳқиқшаванда мебошад, ҳамчун натиҷа дар семинарҳо ва конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар солҳои 2016-2025 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмии тавсияшударо дар ҷараёни таълим ва дигар корҳои илмию таҳқиқотӣ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии кори диссетатсияи таҳияшуда, ки он натиҷаи кори ба анҷомрасонидашудаи муаллиф ба ҳисоб меравад, ба як қатор дастовардҳои илмӣ ноил гардидааст. Боиси қайд аст, ки дар асоси тавсияҳои диссертант натиҷаҳои баровардашударо дар вазорату идораҳо, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ташкилотҳои молиявӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии рушд ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудаанд, метавонанд самаранок истифода баранд.

Лозим ба қайд аст, ки баҳои воқеъӣ ва гузаштаи кори диссертатсионии диссертант барои мушаххасоти ҷараёни пайдарпайии рисолаи илмӣ ва гуруҳбандии он вобаста ба нашри маводи рисола, дар мувофиқат ба мавзуи диссертатсия аз тарафи муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор ёфтаанд.

7. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи таҳияшуда аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар ҳаҷми 185 саҳифа оварда шуда, 33 ҷадвал ва 2 расмро дар бар мегирад.

Диссертант Набизода Маҳфуза Раҳмат вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва таҳқиқи мавзуи баррасишаванда бо мақсади татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии худро дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида, ки шарти зарурии таҳқиқот мебошанд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки тафсири дақиқии онро баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Муаллифи боби якуми диссертатсияро "Асосҳои назариявию методии таҳқиқи фаъолияти соҳибкории занон" номгузори намуда, ҷабҳаҳои Консепсияҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи соҳибкории занон дар илми иқтисодӣ, заминаҳои ташаккули соҳибкории занон дар иқтисодиёти муосир

ва асосҳои институтсионалӣ ва механизми танзими давлатии соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мавриди таҳлил ва баррасии дақиқ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назарас ноил гардидааст [С. 15-49].

Диссертант дар боби якуми диссертатсия ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мафҳумҳои «шуғли аҳолӣ» ва фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин аҳамияти онро дар рушди иқтисодиёти миллӣ бо далелҳо асоснок намуда, муаллиф бо мисолҳои мушаххас исбот мекунад, ки "...эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба шуғли занон алоқаманд аст, аз қабили сӯзанидӯзӣ, зардеворӣ, рӯймол, дастпӯш, сачоқ, кӯрпа, гаҳворапӯш ва чойникпӯш, болишҳои гулдӯзӣ , қолинҳои дастӣ, гулдӯзӣ айни замон дар марҳилаи эҳёву ташаккулёбии пурра қарор доранд". Дар асоси он қайд карда мешавад, ки дар шароити муосир хунарҳои мардумӣ дар ҷоннок гардидани фаъолияти соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самти муҳим баромад мекунад ва ин бевосита ба афзоиши шумораи соҳибкорзанон дар ҷумурӣ оварда расонидааст[С. 24]. Андешаи мазкур қобили таваҷҷуҳи махсус мебошад.

Яке аз ҷанбаи ҷолиби диққат дар боби якуми диссертатсия дар он аст, ки тибқи таҳлилҳои корҳои илмӣ таҳқиқотии асарҳои олимон - иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ диссертант қайд менамояд, ки шуғли аҳолӣ (занон) ҷараёни ҷалб ва истифодаи самараноки нерӯи кории қобили меҳнат дар бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмии иқтисодиёт мебошад, ки бо таъмини даромади устувор ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамоҳанг аст [С. 23]. Ҳамчунин, қайд карда шудааст, ки «шуғли занон» метавонад ҳамчун маҷмуи муносибатҳои марбут ба иштироки корманд – ҳомили вазифаи махсуси репродуктивӣ (фарзандӣ) муайян карда шавад.

Вобаста ба мавзуъ, диссертант дар ҷараёни таҳқиқот чунин фарзияҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст: "Ҷалби занону бонувон ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рушди иқтисодиёти муосири ватанӣ имконият фароҳам меоварад, то ки дар байни занон сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, мушкилоти дар соҳаи шуғли занон дар иқтисодиёти вилояти Суғд буда ҳаллу фасл гардида, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа имкониятҳо ба миён оянд. Лекин таҳқиқот нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории занон хусусияти ба худ хосро дорад. Мувофиқи хулосаҳои эмпирикии олими ватанӣ «фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби занон роҳбарӣ карда мешаванд, на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм хурдтар, балки онҳо инчунин дар бахшҳои ғайриистеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки шумораи зиёди коргарон талаб карда намешавад, фаъолият менамоянд. Аз ин лиҳоз бо мақсади вусъат бахшидан ва бо дар назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Зеро беш аз 73% - и аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва маҳз дар деҳотҷойҳо зарурати рушди соҳибкории занон ба миён меояд, чунки шумораи занони бекор нисбат ба аҳолии шаҳрнишин зиёд буда, рушди соҳибкории занон метавонад ҳамчун сарчашма ғанигардонии буҷети оилаҳо ва маҳал баромад намояд». Ин гуна хусусиятҳои соҳибкории занон дар ташаккули модели он дар иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти муҳим дорад ва робитаи консептуалии шуғл ва соҳибкории занонро муайян менамояд [Саҳ. 30].

Боиси қайд аст, ки диссертант дар ҷадвали 1.2. (саҳ. 33) хронологияи таҳқиқоти аввалин доир ба соҳибкории занонро аз солҳои 1976 то 2015 таҳлил ва гуруҳбанди намуда ва дар ҷадвали 1.3., 1.4. (саҳ. 35, 36) ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ ва ақидаи худи муаллиф оид ба моҳияти соҳибкории занон оварда шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ғайр аз он бо назардошти шаклҳои гуногуни шуғли занон, фаъолияти соҳибкории занонро аз рӯйи як чанд меъёр дар шакли расм (расми 1.1. саҳ. 38) тасниф намудааст. Вобаста ба ин муаллиф қайд кардааст, ки дар шароити муосир соҳибкории занон хеле инкишоф ёфтааст ва рушди ин соҳа аз як чанд омилҳо, ба мисли дастрасӣ ба таҳсилот, сиёсат, афзоиши ҳиссаи иштироки онҳо дар иқтисодиёт ва ғайраҳо вобаста мебошад [саҳ. 39].

Дар боби дуюм бошад диссертант «Ҳолати муосир, тамоюлҳо ва омилҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкории занон, тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории занон ва омилҳои рушди соҳибкории занон ва роҳҳои идоракунии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Диссертант дар асоси арзёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ қайд менамояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо ба афзоиши истеҳсоли молу хизматрасониҳо мусоидат менамояд, балки ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми танзими бозори меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ баромад мекунад. Бинобар ин таҳлил ва баҳогузории фаъолияти соҳибкорӣ дар ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аҳаммияти муҳим пайдо менамояд [саҳ. 39].

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот (ҷадвали 2.2., саҳ. 66) саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии вилояти Суғдро мавриди таҳлил қарор дода, қайд кардааст, ки "...азбаски мавзуи асосии таҳқиқоти мо ба соҳибкории занон бахшида шудааст, мо ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ ҳиссаи иштироки занон дар соҳибкориро нисбат ба ММД муайян намудем. Аз рӯйи таҳлилҳои гузаронидашудаи муаллиф муайян гардидааст, ки маҷмуи

маҳсулоти дохилии вилояти Суғд дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 дар умум 7,4 баробар афзудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ диссертант қайд гардидааст, ки таҳлили рушди фаъолияти соҳибкории занон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди соҳибкории занон ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат баромад мекунад. Тақвияти дастгирии давлатӣ, фароҳам овардани муҳити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани малака ва дониши занони соҳибкор, инчунин васеъ намудани дастрастии занон ба манбаҳои молиявӣ бевосита ба рушди минбаъдаи соҳибкории занон ва афзоиши сатҳи шуғли онҳо мусоидат менамояд [саҳ. 102]. Ҳамин тавр, рушди соҳибкорӣ, инчунин соҳибкории занон дар вилояти Суғд метавонад ба таҳкими иқтисоди минтақа, беҳтар шудани вазъи иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагонии аҳолӣ таъсири мусбат расонад.

Боби сеюми рисолаи диссертатсионии диссертант "Самтҳои такмил ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд" номгузори карда шуда, дар ин боби мазкур чунин масъалаҳо, ба монанди равияҳои асосии мусоидат ба рушди соҳибкории занон барои давраи оянда ва авлавиятҳои афзоиши таъминнокии молиявӣ дар рушди соҳибкории занон баррасӣ карда шудааст.

Дар самти тавсиявии диссертатсия муаллиф таваҷҷуҳи бештари худро ба масъалаҳои таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳои давлатӣ, ки ба занҳо имкон медиҳанд, ки вазифаҳои кор ва оилавию хоҷагиро пурра ба ҳам пайваст намоянд. Инчуин муаллиф дар шакли расм (расми 3.1. саҳ. 139) татбиқи самтҳои мусоидат ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғдро гуруҳбанди намуда, қайд кардааст, ки ҳалли мушкилоти рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд бештар ба таваҷҷуҳи доимӣ ва амалҳои мақсадноки мақомоти давлатӣ дар самти қабул ва татбиқи саривақтии барномаю лоиҳаҳои давлатӣ доир ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва фаъолияти занҳо дар вилояти Суғд, ки дар ниҳоят метавонад ба як қатор нишондиҳандаҳо таъсири мусбат расонад ва ҳамчун пешгирии самаранок дар бозори меҳнати минтақавӣ хизмат кунад, алоқаманд мебошад.

Дар натиҷаи таҳлилҳо муаллиф қайд менамояд, ки "... рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи шуғл, паст кардани сатҳи бекорӣ ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ хизмат намояд. Татбиқи чорабиниҳои пешниҳодшуда на танҳо ба баланд гардидани нақши занон дар иқтисодиёт, балки ба рушди устувори иқтисодиёти минтақа ва беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии ҷомеъа мусоидат хоҳад кард" [Саҳ. 145].

Ба андешаи диссертант барои рушд ва беҳбудии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон дар вилояти Суғд татбиқи самтҳои зерин ба мақсад

мувофиқ аст: имконияти дастгирии молиявии лоиҳаҳое, ки ба ташкили ҷойи корӣ барои занҳо нигаронида шудааст, ба назар гирифта шавад, ташкил ва гузаронидани озмунҳо барои беҳтарин лоиҳаҳои тиҷоратии занони соҳибкор, (таъсири фаврии лоиҳаҳои ояндадортарин) ва квота барои занони соҳибкор дар татбиқи барономаҳои давлатӣ. Ба ин нуқтаи назари муаллиф бояд мо рози бошем, зеро ин омилҳо метавонанд баро устувории иқтисодиёти миллӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ. Кори диссертатсионии муаллиф дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр гардидаанд, ки давоми мантиқии кори анҷомёфта мебошад. Вобаста ба ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Дар умум лозим ба қайд аст, ки корҳои илмии интишоргардида тибқи талаботҳои муқараршуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсониро дарбар мегирад.

9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кори диссертатсионии диссертант дар заминаи муқараороти Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаддима, мубрамияти илмии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо як қатор Стратегияҳо ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ вобастаги дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур, аз ҷмула: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи дастгирии соҳибкории дохилӣ, инчунин «Барномаи рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" рост омада ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Дар маҷмуъ кори диссертатсионии банҷомрасида баҳисб рафта, дорои мазмун ва моҳияти илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола таҷасумёфта пурра дар матни он аз тарафи диссертант Набизода Маҳфуза Раҳмат инъикос гардидаанд, ки барои рушди илми ватанӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Вобаста ба ин ба ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо зикр намудан зарур аст, ки дар бобҳои якум, дуюм ва сеюм ва ҳамзамон дар хулосаю тавсияҳо натиҷаҳои мувофиқ ба мақсади гузошташудаи диссертантро мушоҳида намудан мумкин аст.

10. Эрод ва тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия. Бо вуҷуди аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии

диссертатсия, дар раванди омӯзиши он баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки зикри онҳо ба баланд бардоштани сатҳи илмии корҳои минбаъдаи муаллиф мусоидат менамояд:

1. Дар кори диссертасионӣ (саҳ. 143) ақидаи олими рус Марозова Н. оид ба миқдори фаъолияти соҳибкории занон дар корхонаҳои хурду миёна аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо ва усулҳо, аз ҷумла: вазни қиёсии ММД-и соҳибкорӣ дар ҳаҷми умумӣ, шумораи миёнаи соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони кироя, ки аз ҷониби онҳо ҷалб карда шудаанд, ҳиссаи даромади соҳибкор аз фурӯши маҳсулот, мол, кор, хизматрасонӣ, ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳибкорон , содироти мол, воридоти мол ва бақияи савдои берунии молҳои соҳибкорон тарзи ҳисобкунии чунин нишондиҳандаҳо ва усулҳоро муаллиф мисол овардааст. Вобаста ба ин хуб мешуд, ки барои муайян намудани самаранокии фаъолияти соҳибкории хурд ва миёнаи вилояти Суғд ва дар умум Ҷумҳурии Тоҷикистон назари худи муаллиф тарзи ҳисобкуниҳо бо нишондиҳандаҳо ва усулҳои дар боло овардашуда мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор мегирифт, боз ҳам арзиши илмии рисола баланд мегардид.

2. Дар матни асосии диссертатсия муаллиф ақидаҳои якчанд олимонро таҳлил менамояд, лекин бобати дуруст ва қобили қабул будани онҳоро шарҳ намедиҳад. Танҳо дар охир бо якчанд ҷумла онҳоро ҳамагӣ ҷамъбаст кардааасту халос.

3. Дар зербоби 2.2. муаллиф тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғдро ба таври умумӣ ба миқдори кофӣ таҳқиқ намудааст. Сатҳи илмии диссертатсия қавитар мегардид, агар муаллиф дар ҳамин зербоб раванди ташаккули занони соҳибкоро дар мисоли якчанд корхонаи мушаххаси вилояти Суғд мавриди таҳлил ва арзёбии қиёсӣ қарор медод.

4. Дар зербоби 2.3, ки «Омилҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва роҳҳои идоракунии онҳо» номгузорӣ гардидааст, муаллиф дар асоси ақидаҳои олимон як қатор омилҳои таъсиррасонро ба рушди соҳибкории занон гурӯҳбанди намудааст. Ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф фикри худро оид ба он омилҳое, ки ба рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, арзёбӣ менамуд.

5. Дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаҳо оид ба натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда пешниҳод карда мешудаанд. Боз ҳам мушаххассоти бобҳои диссертатсия устувортар мегардид.

Дар маҷмуъ, ин мулоҳизаҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун самтҳои такмили таҳқиқоти минбаъда истифода шаванд.

11. Хулосаи умуми ба диссертатсия. Диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд равона гардидааст. Кори диссертатсионӣ дорои сохтори мантиқӣ ва мукаммал буда, мазмуну муҳтавои он сатҳи зарурии таҳқиқоти илмиро инъикос менамояд. Натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби муаллиф дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд, ки ба заминаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд мусоидат менамоянд.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомадаро пурра инъикос намуда, дараҷаи эътимоднокии хулосаҳои илмиро нишон медиҳад. Интишороти муаллиф мазмун ва самтҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, бо натиҷаҳои диссертатсия ҳамоҳанг мебошад ва дурустии хулосаҳои илмиро тасдиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бандҳои 31,33,34,35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти № 295 аз 26 июни соли 2023) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сардори шуъбаи мониторинг ва идораи
сифати таълими Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Шодиев К.Қ.**

15.10.2026

Имзои К.Қ. Шодиев – ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Мирҷамолов М.А.**

Суроға: *734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нахимов 64/14.*
E-mail: info@tgfeu/tj